# ТОҶИКИСТОН, ПАРЧАМАТ ПОЯНДА БОД!

Омӯзиш • Тасаввурот • Фаҳмиш • Тараққиёт
Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

№ 6 (35)
29 ноябри
2014

*Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан*

# Молия ва иқтисод




Нашрияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон


**Парчами мо рамзи ҳаёти осоишта, ваҳдати ҷовидонаи миллӣ ва умед ба фардои ободи халқи Тоҷикистон аст.**

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**



Гулназар, шоири
халқии Тоҷикистон

## Таронаи Парчам

Парчами армони тоҷик,
Шуълаи имони тоҷик.
Оташи виҷдони тоҷик.
Сар зада аз ҷони тоҷик.

Рӯи ман чун рӯи ту сурх,
Бахти ман чун ту сафед аст.
Умри ман мисли ту сарсабз,
Ҷонам аз ту пурумед аст.

Парчами подори кишвар,
Фитрати бедори кишвар.
Субҳи нусратбори кишвар.
Домани пурбори кишвар.

Рӯи ман чун рӯи ту сурх,
Бахти ман чун ту сафед аст.
Умри ман мисли ту сарсабз,
Ҷонам аз ту пурумед аст.

То абад бо фарқи мой,
Соя болои ҳумой.
Матлаи меҳру вафой,
Сӯи фардо раҳнамой.

Рӯи ман чун рӯи ту сурх,
Бахти ман чун ту сафед аст.
Умри ман мисли ту сарсабз,
Ҷонам аз ту пурумед аст.

Муқаддасот

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ПАРЧАМ



21-уми ноябри соли ҷорӣ дар донишкада ба истиқболи ҷашни парчами миллӣ чорабинии мутантан доир шуд, ки дар он раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гавҳар Шарофзода иштирок ва суханронӣ намуд.

Чорабиниро ректори донишкада Ашурбой Солиев ҳусни оғоз бахшида, ҳозиринро бо Рӯзи парчам муборакбод намуд. Ӯ, аз ҷумла қайд кард, ки дар ҷаҳони муосир ҳар як давлати мустақилу соҳибихтиёр тавассути парчами он муаррифӣ мегардад. Аз ин рӯ, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба арзишҳои деринаи таърихӣ ва фарҳангиву маънавии миллӣ ва гузашта аз ин, эҳтироми миллат ва давлату давлатдорӣ мебошад, илова намуд мавсуф.

Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гавҳар Шарофзода низ ба табрики аҳли кормандон ва донишҷӯёни донишкада омада, ҳамагонро ба худшиносию хештаншиносӣ ва эҳтироми муқаддасоти миллӣ даъват намуда, афзуд, ки парчам аз замонҳои қадим яке аз рамзҳои асосии дав-



латдории тоҷикон ба шумор меравад. Тавре ки аз саҳифаҳои таърихи ғановатманди халқамон бармеояд, яке аз парчамдорони нахустини халқи мо - Коваи оҳангар будааст. Мояи ифтихори мост, ки имрӯз миллати моро тариқи муқаддасоти миллӣ, аз он ҷумла парчами миллӣ мешиносанд.

Сипас омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарии донишкада Гулчеҳра Ниёзова бо маърӯзаи «Аз таърихи парчамдории тоҷикон», мудири бахши таъминоти ҳуқуқӣ Зуҳуриддин Асрорзода дар мавзӯи «Ҷабҳаҳои ҳуқуқии парчами давлатӣ ҳамчун рамзи миллӣ» баромад намуданд.

Шеъру суруд ва бадеҳаи донишҷӯён Саидҷон Баротов, Файзигул Мирова, Идимоҳ Мирзоева, Ҷамолиддин Шарифов, Шаҳобиддин Шамсиев, Шифо Саидаҳмадова, Нилуфар Назарова ва Хайринисо Астанақулова, ки таҷассумгари мавзӯъҳои ватандӯстӣ, муҳаббат ба Модар-Ватан ва гиромидошти парчами миллӣ буд, ба ҳозирин писанд омад.

**Насрулло ТУЙЧИЗОДА**

Мизи мудаввар

# МАСОИЛИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ



Рӯзи 15 ноябри соли ҷорӣ бо ибтикори раёсати илм ва факултети ҳисобдорӣ ва омор мизи мудаввар дар мавзӯи «Рушди устувори иқтисодӣ: масоили баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, аудит ва омор» доир гардид.

Онро бо сухани ифтитоҳӣ муовини ректор оид ба илми донишкада Ашуров Ғ.М. кушода, қайд намуд, ки дар шароити кунунӣ тараққиёти иқтисодӣ зарурати такмилу рушди соҳаҳои мухталифи илмиро ба вуҷуд овардааст. Яке аз соҳаҳои муҳим ва рӯзмарра ин рушду нумуи масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, аудит ва омор мебошанд, ки ба ҳамдигар алоқаи зич доранд. Ҳамоиши имрӯза дар ҳамкорӣ бо мутахассисони варзидаи соҳа аз БДА ҶТ «Амонатбонк», Агентии омори назди Президенти ҶТ ва олимон аз мактабҳои олии кишвар баргузор мегардад ва маҳз масъалаҳои рушд ва муаммоҳои ин самти иқтисодиётро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар назар аст, ки баъди хулосабарорӣ ва ҷамъбаст иштирокдорон ба муассисаву ташкилотҳои дахлдор пешниҳодҳои илман асоснок мекунанд, илова намуд Ғиёсиддин Ашуров.

Сипас Ҳокимбек Накатов, сардори раёсати омори саноат ва инвеститсия дар сохтмони Агентии омори назди Президенти ҶТ дар мавзӯи «Рушди омори миллӣ дар замони муосир», Завқиддин Умаров, н.и.и., дотсент, сардори идораи аудити дохилии Бонки давлатии амонатгузории ҶТ «Амонатбонк» дар мавзӯи «Муаммоҳои аудити дохилибонкӣ дар шароити муосир», Сироҷиддин Мирзохонов, н.и.и., дотсент, муовини ректор оид ба илм ва равобити байналхалқии ДСХ дар мавзӯи «Муаммоҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаи ҷустуҷӯи геологӣ» ва Юлдошев А., донишҷӯи курси 4 ихтисоси 1-25010803 дар мавзӯи «Стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ» маърузаҳои пурмуҳтаво намуданд. Аз ҷумла дар баромадҳо гуфта шуд, ки мукаммал гардондани Қонуни ҶТ «Дар бораи омори давлатӣ», ворид намудани тағйиру иловаҳо ба шаклҳои ҳисоботӣ, гузариш ба таснифоти намуди фаъолияти иқтисодӣ, тартиб додани барномаҳои нави компютерӣ барои коркарди маълумоти оморӣ ва бо мақсади рушди соҳаи омори ҷумҳурӣ бо роҳҳои омӯзиш ва табодули таҷриба баланд бардоштани савияи дониши мутахассисони соҳа яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи омор маҳсуб ва амалӣ намудани онҳо омили асосии рушди соҳа мегардад.

Дар фарҷом ҳозирин ба суолҳои худ аз баромадкунандагон ҷавобҳои қонеъкунанда гирифтанд.



Ватандорӣ

# ФАРҲАНГ ВА ТАМАДДУНИ ҲИСОРИ ШОДМОН



Ба ифтихори 3000-солагии Ҳисори шодмон рӯзи 20 ноябри соли ҷорӣ бо ибтикори раёсати илм, кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ конференсияи илмӣ-адабӣ таҳти унвони «Фарҳанг ва тамаддуни Ҳисори шодмон» доир гардид. Дар кори он меҳмонон аз Ҳисори шодмон – Султонмурод Одинаев, сармуҳаррири маҷаллаи «Ҳисори Зарнисор», Комилҷон Ғаниев, ҳофизи халқии Тоҷикистон, Сайфиддин Акрамов, ҳунарпешаи шоистаи ҷумҳурӣ, Хайрулло Давлатов, мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи ноҳияи Ҳисор, Алиҷон Мирзоазизов, сардори корхонаи пиллапарварии ноҳия иштирок ва суханронӣ намуданд.

Кори конфронсро бо сухани ифтитоҳӣ ректори донишкада Ашурбой Солиев кушода, афзуд, ки боиси ифтихори халқи тоҷик аст, ки бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 37-уми ЮНЕСКО дар қатори дигар ҷашнҳо таҷлили бошукӯҳи ҷашни 3000-солагии Ҳисор низ шомил гардидааст, ки он 10 сентябри соли 2015 дар кишварамон дар сатҳи баланд ҷашн гирифта мешавад ва ҳамоиши имрӯза ҳам дар доираи он баргузор мегардад.

Иштирокчиёни конфронс филми мустанади омоданамудаи донишҷӯёни курси якуми ихтисоси андоз ва андозбандии факултети иқтисоди молиявӣ ва андозбандиро тамошо карда, маълумоташонро доир ба ёдгориҳои таърихии Ҳисори шодмон мукаммал сохтанд.

Ҳамчунин дар он маърузаҳои Кутбия Ҳомидова, н.и.т., дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ дар мавзӯи «Таърихи Ҳисор баёнгари фарҳанги миллат», Султонмурод Одинаев дар мавзӯи «Ёдгориҳои меъмории водии Ҳисор», Ғуломҷон Мирзоев, н.и.ф., дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ дар мавзӯи «Фалсафаи сиёсии Мирзо Турсунзода», Сайфиддин Акрамов, профессор дар мавзӯи «Мавзӯи иҷтимоӣ дар эҷодиёти Карим-девона» баромадҳои пурмуҳтавою ҷолиб намуданд. Дар онҳо гуфта шуд, ки воқеан ҳам Ҳисори бостон махзани тамаддуни ориёӣ буда, таърихи куҳану маданияти қадимаи бою рангин дорад. Бозёфтҳои таърихиву меъморӣ, қисми зиёди намунаи осорҳои хаттӣ, мақбараҳо, харобаҳои зиёди афсонавӣ ва мавзеъҳои нотакрори таърихии ин сарзамин як ҷузъи сарнавишти миллати тоҷик буда, бояд эҳтиром ва арҷ гузошта шавад.

Дар қисмати адабию фарҳангии конфронс ҳунармандон Сайфиддин Акрамов ва Комилҷон Ғаниев бо иҷрои сурудҳои дилнишин хотири ҳозиринро болида сохтанд. Ҳамчунин аз тарафи донишҷӯёни курси якуми факултети молия ва қарз намунаи ашъор дар васфи Ҳисори шодмон бо маҳорати баланд қироат гардид, ки бозгӯи ватанпарастиву худшиносии миллии ҷавонони имрӯза аст.

**Машҳура АБДУЛЛОЕВА**

**Дастовардҳои варзишгарони тоҷик имкон дод, ки Парчами Тоҷикистон 552 маротиба дар гӯшаю канори олам барафрохта шавад.**

Ҳамкорӣ

# ШИРКАТИ ДМИТ ДАР КОНФЕРЕНСИЯИ ИНТЕРНЕТӢ



Рӯзи 20 ноябри соли равон дар доираи шартномаи ҳамкории ДМИТ бо БашГУ устодони донишкада дар конференсияи интернетӣ, ки аз тарафи Дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Бошқирдистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Бошқирдистон, Донишкадаи иқтисод, молия ва тиҷорати Донишгоҳи давлатии Бошқирдистон (БашГУ) ва Маркази Аврусиёгии «Самрау» ташкил карда шудааст, иштирок намуданд. Конфронс мавзӯи «СҲШ ва БРИКС дар ташаккули низоми бисёрқутбаи муосири муносибатҳои байналмилалӣ»-ро фарогир буд, ки дар он олимони ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ширкат варзиданд.

Дар ин интернет-конфронс Ҷумҳурии Тоҷикистонро устодони ДМИТ муаррифӣ намуданд, аз ҷумла Баҳром Сафаров, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ дар мавзӯи «Баҳодиҳӣ ва таҳлили дурнамои муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи СҲШ», Меҳтархон Содиқов, мудири кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналмилалӣ дар мавзӯи «СҲШ чун механизми дурнамои ҳамкории ҳаматарафа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Попов Н.А., декани факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ҳамчун ҳамоҳангсоз бо сухани ифтитоҳӣ ва хотимавӣ дар он ширкат варзиданд.

Бояд тазаккур дод, ки чанде пеш устодони ДМИТ бо мавзӯъҳои илман асоснок дар чунин конфронс иштирок намуда буданд ва ба унвонии иштирокчиён аз номи кумитаи тадорукоти чорабинии мазкур сипоснома ирсол гардида буд ва он боиси густариши ҳамкориҳои тарафайн мегардад.

Инноватсия

# БАРРАСИИ МУАММОҲОИ МУОСИРИ ИНФОРМАТИКА

Рушди технологияҳои компютерӣ ба ҷомеа имконияти гузариш ба масъалаҳои информатизатсиякунонии глобалиро фароҳам овард, ки ба равандҳои рушди ҳамгирої дар ҳамаи ҷабҳаҳои фаъолияти инсон, аз ҷумла дар самти илм, фарҳанг, саноат, идоракунӣ ва ғайраҳо алоқаманд аст. Маҳз ҳамин масъала дар мизи мудаввари илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Муаммоҳои муосири информатика ва технологияҳои информатсионӣ», ки бо ибтикори раёсати илми донишкада ва кафедраи информатика рӯзи 20 ноябри соли равон доир гардид, мавриди арзёбӣ қарор гирифт.

Кори онро муовини ректор оид ба илм Ғиёсиддин Ашуров кушода, қайд намуд, ки информатизатсиякунонии ҷомеа ин раванди иҷтимоии глобалӣ буда, дорои хусусиятҳои бартаридоштаи намудҳои фаъолият дар самти истеҳсолоти ҷамъиятӣ мебошад, ки масъалаҳои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард, интиқол ва ба маҳсулот табдилдиҳии информатсияро дар асоси воситаҳои муосири техникаи ҳисоббарорро дар бар мегирад.

Ҳамчунин дар ҳамоиш Маҳмадюсуфи Юнусӣ, д.и.ф.-м., мудири кафедраи технологияҳои информатсионӣ ва автоматизатсиякунонии МИСИС дар мавзӯи «Нақши моделсозии математикӣ дар сохтани технологияҳои нав, иншоотҳо ва масъалаҳои иқтисодӣ» ва Исо Саидов, устоди кафедраи информатика дар мавзӯи «Муаммоҳои автоматикунонии системаҳои информатсионӣ» бо слайд баромад намуда, мавзӯи баррасишавандаро мукаммал матраҳ сохтанд.

Мизи мудаввар

# ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГИИ РУШДИ ИНСОНӢ



Рӯзи 24 ноябри соли ҷорӣ бо ташаббуси раёсати илми донишкада, факултети менеҷмент ва ҳуқуқи молиявӣ ва кафедраи менеҷмент бахшида ба 20-умин солгарди рӯзи қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввари илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Идоракунии стратегии рушди инсонӣ» баргузор гардид.

Онро муовини ректор оид ба илм Ғиёсиддин Ашуров кушода, иброз дошт, ки дар шароити муосир истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ зарур буда, он имконияти ҷисмонию зеҳнӣ ва қобилияти истеҳсоли неъматҳои моддиро дар худ таҷассум мекунад.

Баъдан маърӯзаҳои Шавкат Бозоров, д.и.и., профессори кафедраи менеҷмент дар мавзӯи «Муаммоҳои идоракунии стратегии рушди инсон» ва Дилбар Амонова, д.и.и., профессор, мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи славяниюи русии Тоҷикистон дар мавзӯи «Асосҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба рушди инсонӣ» шунида шуд. Дар онҳо гуфта шуд, ки идоракунии захираҳои инсонӣ системаи мутақобилаи қарорҳои ташкилию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доир ба ташкили шароит барои амалнамоии муқарарӣ, рушд ва истифодаи самараноки иқтидори қуввааи корӣ дар сатҳи ташкилот мебошад. Захираҳои инсонӣ нисбати дигар захираҳо хусусияти хоса дошта, шуури ташаккулдодашуда ва натиҷаи истифодабарии он ба худ характери эҳтимолиро мегирад.

Дар фарҷом байни баромадкунандагон ва ҳозирин мубодилаи афкор сурат гирифт.

Равобит

# БАРНОМАИ СТИПЕНДИЯВӢ БАРОИ ДОНИШҶӮЁН

Рӯзи 14 ноябри соли равон бо ташаббуси шуъбаи робитаҳои байналмилалии донишкада рӯнамоии Барномаи стипендиявии Бакалавриат дар соҳаи бизнес ва соҳибкорӣ барои донишҷӯёни курсҳои якум гузаронида шуд. Дар он ҳамоҳангсози ACCELS Шӯроҳои амрикоӣ оид ба Маорифи байналмилалӣ Зарина Муҳиддинова моҳияту муҳтаво ва шарту талаботҳои асосии барномаи нес, идора ва иқтисод таҳсил карданро дошта, имконияtҳои молиявиашон маҳдуд аст, стипендия пешниҳод менамояд.

Ин барнома имтиёзҳои зерин, аз қабили стипендия барои таҳсил дар давоми 4 сол дар донишгоҳҳои Осиёи Миёна, ба монанди Донишгоҳи амрикоии Осиёи Миёна - Бишкек, (Қирғизистон), Донишгоҳи менеҷмент, иқтисод ва банақшагирии Қазоқистон (Алмаато) дар



мазкурро ба ҳозирин фаҳмонда дод.

Гуфта шуд, ки Барномаи стипендиявии бакалавриат дар соҳаи бизнес ва соҳибкорӣ – барномаи академӣ буда, аз тарафи Шӯроҳои амрикоӣ оид ба Маорифи байналмилалӣ гузаронида мешавад. Барномаи мазкур ба донишҷӯёни болаёқате, ки хоҳиши дар соҳаи бизфакултети бизнес-идора ва иқтисодро пешниҳод менамояд, ки ба он роҳпулӣ, маблағи манзил ва таҳсил дохил мешаванд, илова намуд мавсуф.

Дар охир байни донишҷӯён ва ҳамоҳангсози барнома суолу ҷавоб сурат гирифт.

**М. НЕЪМАТЗОД**

Хайрия

# ДАСТГИРИИ ЯТИМОНУ МАЪЮБОН

Рӯзи 19 ноябри соли равон ректори Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ашурбой Солиев бо донишҷӯёни комилан ятим ва маъюбони гурӯҳи дуюми дар таълимгоҳ таҳсилдошта вохӯрӣ анҷом дод.

Зимни мулоқот ректор қайд намуд, ки Раёсати донишкада дар партави сиёсати башардӯстонаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарвари Давлат Эмомалӣ Раҳмон ва нишондодҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 23 апрели соли 2014 бармеояд, тасмим гирифтааст, пайваста бо ин табақаи ҷомеа вохӯрӣ намуда, онҳоро ҳам аз ҷиҳати моддӣ ва ҳам аз ҷиҳати маънавӣ дастгирӣ намоянд. Бояд иброз дошт, ки аз ҳисоби Раёсати донишкада ба ин донишҷӯён хӯроки гарми доимии нисфирӯзӣ ташкил карда шуда, либосҳои гарми зимистона харидорӣ карда мешавад, илова намуд мавсуф. Солиев А.А. донишҷӯёнро ба хониши хубу аъло, иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ, ташаббускорӣ, ташкилотчигӣ ва ватандӯстиву худшиносии миллӣ даъват намуд.

Ёдовар мешавем, ки феълан дар донишкада 15 нафар донишҷӯёни комилан ятим ва 11 нафар маъюбон ба тариқи буҷавӣ таҳсил доранд.

**Машҳура АБДУЛЛОЕВА**

**29 ноябри соли 2014 ҶСК бонки Эсхата 20-сола шуд.**

# ПАРАФШОНИИ ПАРЧАМ - ҲАСТИИ МИЛЛАТ

Парчам рамзи ҳастии давлату миллати соҳибистиқлол мебошад, яъне ҳар як давлати соҳибистиқлол дорои парчами давлатии худ мебошад. Яке аз муқаддасоти давлат ин парчам мебошад, ки пайдоиш ва парафшонии он аз давраи Коваи оҳангар то имрӯз боқӣ мондааст.

Бояд тазаккур дод, ки мо нисбат ба парчами давлатӣ бояд эҳтиром зоҳир намоем, чунончи мусулмонӣ на танҳо дар тоату ибодат аст, балки эҳтиром ба миллату Ватан аз гӯшаи имондорист.

Чӣ тавре ки дар моддаи 3-юми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардидааст, нишон, парчам ва суруди миллӣ муқаддасоти давлат мебошанд.

Парчами давлатӣ аз рахи чоркунҷаи дорои 3 ранг, тоҷ ва ҳафт ситора иборат мебошад.

Ранги сурх – рамзи мубориза ва ҷоннисории халқ барои озодӣ ва истиқлолият, ранги сафед – нишони бахту саодат, умеду орзуҳо, ранги сабз – нишонаи сарсабзиву шукуфоӣ, сарбаландиву хуррамӣ ва абадият аст.

Дар байни парчам тасвири тоҷ ва ҳафт ахтар ҷой гирифтааст, ки он ишора ба решаҳои таърихии давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Имрӯзҳо доғи рӯз аст, ки дар баъзе ҷойҳо парчамро дар шакли даридагӣ ва ё чиркин мебинем, ки ин беэҳтиромӣ нисбат ба парчам буда, дар назди қонун ҷавобгарӣ дорад. Имрӯзҳо ки мо дар арафаи таҷлили ҷашни парчам қарор дорем оё мардум мафҳуми рангҳо ва рамзҳои парчами давлатии худро медониста бошанд?

Бо камоли эҳтиром аз ҳамаи шаҳрвандон хоҳиш менамоям, ки нисбат ба миллату Ватан ва парчами давлатӣ эҳтиром зоҳир намоянд, ки ин арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ мебошад.



**Мустафо Раҳимов, донишҷӯи курси 4, факултети менеҷмент ва ҳуқуқи молиявӣ**

# БО ПАРЧАМАТ МЕФАХРЕМ, ВАТАН!

**Парчамат, эй Тоҷикистон,**
**То абад бодо парафшон!**

Дар баробари дигар иду ҷашнҳои бузург яке аз нишонаҳои давлатдорӣ ва муқаддасоти миллиамон Рӯзи Парчами миллӣ мебошад. Имрӯзҳо ҷомеаи ҷаҳонӣ кишвари моро бо ҳамин парчам мешиносад ва маҳз мо тавонистем, ки давлати хешро миёни дигар мамлакатҳо муаррифӣ намоем.

Мо, тоҷикон дар таърихи инсоният яке аз миллатҳое ба шумор меравем, ки соҳиби парчами худ будем. Дар давраи ҳукмронии Ҷамшед низ соҳиби парчам низ будаанд, ки ин як мояи ватандорӣ махсуб меёфт. Дар таърихи гузаштаи мо тамоми сулолаҳо парчами худро доштанд.



Ҳатто паҳлавонҳо дорои парчами хеш буданд ва бо рангҳои гуногун зеб медоданд. Ҳамин тариқ, ҳар як фарди тоҷикро зарур аст, ки ин муқаддасоти миллиро пос дорад. Бубинед, вақте ҷавонони мо дар мусобиқаҳои ҷаҳонӣ ғолиб омада, парчами Тоҷикистони соҳибистиқлолро баланд мебардоранд, ин худ аз соҳибдавлату соҳибтамаддун будани мо тоҷикон гувоҳӣ медиҳад.

Бояд гуфт, ки парчами миллӣ ифтихори ватандорист ва мо ҷавонони диёр аз он фахр дорем, ки он варзишгарони тоҷик дар вақти дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ширкат кардану комёб гаштан Парчами Тоҷикистон боло бардошта мешавад. Ва он аз ҳама зебост.

Рӯзи Парчами давлатӣ ҳамчун рӯзи муборак бо шукуҳу шаҳомат таҷлил мегардад. Парчаме, ки ҳастии давлати моро ифода мекунад, далели истиқлолияти давлатӣ, таҷассумгари ғурури миллӣ ва ору номуси ватандории мост.

Сарвари кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи Парчами давлати бо камоли эҳтироми эътиқод иброз доштааст: «Парчами давлатӣ яке аз рамзҳои муҳими истиқлолияти миллӣ ва давлатдории муосири мо, таҷассумгари асосҳои таърихӣ ва рамзҳои давлатдории гузаштаи тоҷикон, инчунин ифодакунандаи мақсаду маром ва орзуи армонҳои тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад».

Дар парчами кишварамон таҷассуми ватандӯстиву ватанпарастӣ, шуҷоату далерӣ, дӯстиву рафоқат, сулҳу ваҳдат, ғурури ватандорӣ ва ҳимояти марзу бум мавқеи барҷаста дорад. Тахти ҳамин парчам халқи тоҷик пайваста созандагӣ мекунад ва дар эъмори давлати ҳуқуқбунёд ба комёбиҳо мушарраф мегардад.

Ин аст ифтихори мо!

**Рамазон Маҳмадов, донишҷӯи курси 1, ихтисоси омори факултаи ҳисобдорӣ ва омор**

# ПАРЧАМ РАМЗИ ИСТИҚЛОЛ АСТ

Тоҷикистон чун давлати мустақил Президент, Конститутсия (Сарқонун) ва рамзҳои давлатии худро дорост, ки онҳоро дар маҷмӯъ муқаддасоти давлат меноманд. Дар таърихи башарият парчам аз давраҳои бостон ҳамчун рамзи давлатдорӣ истифода мешуд. Агар дар ҷанг парчам гум мешуд ва ё ба дасти душман меафтид, маънии мағлуб шуданро дошт, яъне он аз рамзҳои муқаддас буду нигаҳбонии он аз ҷон ҳам болотар ҳисоб меёфт. Парчамдориву парчамбардорӣ ба халқи мо аз аҷдодон мерос мондааст.

Дар сарчашмаҳои қадимтарин роҷеъ ба ливо, алам, парчам, дирафш, ки рамзи давлатдории орийҳо махсуб мешавад, маълумоти зиёде оварда шудааст.

Ҳар кас ва ҳар чизе, ки олӣ, азиз, пок, гиромӣ, наҷиб, беолоиш ва орӣ аз ҳар гуна нуқсу камбудиҳост, муқаддас аст. Муқаддасоти давлат, пеш аз ҳама, шаъну шараф, ифтихор, обрӯ ва эътибори давлат ва халқу ватан аст. Ҳар давлати соҳибистиқлол ҳам муқаддасоти худро дорад. Рамзҳои давлатии мо низ муқаддасотеанд, ки шаҳрвандони кишварамонро дар рӯҳияи шарафмандӣ, ифтихори миллӣ, давлату давлатдорӣ, ватанпарастӣ тарбия менамоянд. Мутобиқи моддаи 3-юми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ мебошанд. Дар таърихи нави инсоният ин се падидаи ҷамъияти инсонӣ нишонаи соҳибихтиёрӣ ва соҳибистиқлолии ҳар як давлату миллат ба ҳисоб мераванд.



Қадршиносӣ аз парчами давлатӣ арҷгузориву ифтихор аз давлат, аз гузашта ба имрӯз ва ғамхорӣ ба фардои халқ аст. Вай яке аз омилҳои муҳими худшиносӣ ба ҳисоб меравад. Бо дидани парчам ифтихори ватандорӣ ва эҳсоси масъулияти ҳар як шаҳрванд дар назди Ватан боло мегирад. Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистолн рамзи ҳаёти осоишта, меҳнатдӯстӣ, бахту иқболи сафед, умед ба фардо ва лоиқи эҳтироми ҳар як шахс мебошад.

Имрӯз парчам чун рамзи ин кишвари соҳибистиқлол дар Тоҷикистон ва бисёр давлатҳои олам парафшон буда, аз мавҷудияти давлати соҳибистиқлол, демократӣ, дунявӣ ва озоду ягона дарак медиҳад. Парчам шараф, ифтихор ва нангу номуси миллат, сари баланду амалӣ гардидани орзуҳои мо, тоҷикистониён аст.

**Дилрабо Саидова, донишҷӯи курси 1, факултети менеҷмент ва ҳуқуқи молиявӣ**

# НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ПАРЧАМ



Парчам аз ҷумлаи муқаддасоти миллист. Инсоният онро ҳамчун ливои озодӣ барои амалӣ намудани мақсаду ормонҳои худ, бахри ҳаёти осоишта ва таъмини адолат истифода мебарад. Бостоншиносон бар он ақидаанд, ки халқи мо аз давраҳои қадим дар парчамдориву парчамбардорӣ шуҳрат доштаанд ва аз ибтидои тамаддуни инсонӣ соҳиби рамзҳои давлатдорӣ будаанд. Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безаволи худ ёдрас шудааст, ки Коваи оҳангар ҳангоми мубориза бар зидди қувваҳои бадӣ пешдомани чармини худро ба нӯги найза баста, халқи ситамдидаро барои мубориза бар зидди ситамгорон даъват намуд. Рафтори ин марди шуҷоъ, бардоштани парчам таҷассумгари баҳам омадан, муттаҳидшавӣ ва ваҳдату якдигарфаҳмии мардум зери ин дирафши ковиёнӣ гардид.

Гузаштагони мо дар парчамҳои худ ранги сурху зард ва бунафшу кабудро чун оини ҷавонмардию тавоноӣ ба кор мебурданд. Дар аввалин парчамҳои ниёгони мо расми уқоб тасвир ёфта буд, ки нишон аз қудрату тавоноии давлат, ситораҳои заррин рамзи дурахшони нобиғаҳои илму фарҳанг, сангҳои қиматбаҳо шоҳиди боигарии сарзамин таҷассум меёфтанд. Гузаштагони мо дар тӯли таърих якчанд маротиба парчами худро иваз кардаанд. Ҳар як сулолае, ки ҳокимиятро ба даст меовард, парчами худро мебаровард ва дар рӯи он расмҳои гуногун таҷассум меёфт.

Баъди пош хӯрдани ИҶШС Тоҷикистони мо соҳибистиқлол гардид. Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28-уми июни соли 1991 дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул кард ва бо мақсади таҳия ва тасвири парчами давлатӣ озмуни ҷумҳуриявӣ эълон гардид. Дар конфронси илмию амалӣ бахшида ба 15-умин солгарди қабули Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (29-уми октябри соли 2009) Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуд, ки ҳамчун мояи ифтихори давлатдорӣ ва ватандорӣ ҳамасола таърихи 24-уми ноябр Рӯзи парчами миллӣ ҷашн гирифта шавад. Дар таърихи 19-уми ноябри соли 2009 Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни мазкурро якдилона тасдиқ намуд ва 24-уми ноябр Рӯзи парчами давлатӣ эълон гардид ва ҳамасола ин рӯз дар кишвари азизамон бо тантана ҷашн гирифта мешавад.

Хуллас, ҳаминро бояд қайд намуд, ки парчам дар ҳар давру замон муаррифгари соҳибистиқлолии давлатҳо ба ҳисоб меравад. Мо, ҷавонон ифтихор аз он дорем, ки парчами Ватани азизи мо дар зери осмони софу беғубор парафшонӣ мекунад ва дар арсаи ҷаҳонӣ баландтарин парчам эътироф шудааст, ки ин ҳам бошад, нишон аз хушбахтӣ ва ваҳдату якдигарфаҳмии миллати мо мебошад. Мо ки бунёдгари имрӯзу ояндаи давлату миллат ҳастем, бо боварӣ мегӯем:

**Тоҷикистон, номи ту то арши аъло мебарем,**
**Парчаматро боз боло,**
**боз боло мебарем.**

**Муслиҳиддин Раҳимов, донишҷӯи курси 1, ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлил ва аудит дар МИБ**

**Сатҳи таваррум дар моҳи октябри соли ҷорӣ 0,4%-ро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,1% зиёд аст.**

# ХУДОГОҲИИ МИЛЛӢ НИШОНЕСТ АЗ ИМОНДОРӢ

Тафаккури зеҳнӣ, илмӣ, хештаншиносиву худогоҳии миллӣ, муҳаббати бепоён нисбат ба Ватан-модар, дур аз бегонапарастиву таассуби динӣ ва созмонҳои ифротгаро ҳисси масъулиятнокӣ ва зиракии сиёсии ҷавононро тадриҷан ташаккулу такомул медиҳад. Ба ин хотир насли калонсолро зарур аст, ки барои дар рӯҳияи инсонгароиву инсондӯстӣ ва рӯ овардани ҷавонон ба арзишҳои миллӣ бо онҳо ҳар чӣ бештару бештар дар муоширату маслиҳатдиҳӣ қарор дошта бошанд. Зеро гуфтаанд, ки химчаро дар тариаш метобанд.

Мутафаккирони форсу тоҷик низ дар хусуси ҳангоми ҷавонӣ тарбия кардани фарзанд ва ё дигар хешону наздикон суханони ҳикматомези зиёде овардаанд.

Масалан, Хусрави Деҳлавӣ чунин гуфтааст:

**Шав адабомӯз писарро ба пеш,**<br>**К-ӯ чу қавӣ шуд,**<br>**натавониш беш.**

Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ низ ба ин маънӣ фармудааст:

**Ҳар киро дар хурдиаш**<br>**адаб накунанд,**<br>**Дар бузургӣ фалоҳ**<br>**(комёбӣ) аз ӯ бархост.**

Зарур аст, ки ин ишораҳои болоро, пеш аз ҳама, бояд дар тафаккури ҷавонон ҷой созем.

Ҷои зикр аст, ки нексириштон, дӯстдорони Ватан, ифтихормандону поктинатонро, ки марзу буми кишвар, хоку санги онро пос медоранд, миллат дӯст медорад, Худо дӯст медорад!

Гузаштагони мо роҷеъ ба худогоҳиву худшиносии миллӣ, ифтихори ватандориву шаъну шарафи шаҳрдорӣ, дурӣ аз бегонапарастиву кибру ғурур, некномиву дигар ҷиҳатҳои неку бади инсонӣ суханҳои баландпарвозе гуфтаанд, ки ҳеҷ гоҳ арзишҳои неку волои худро гум нахоҳанд кард. Аз ҷумла Ҳофизи Шерозӣ дар ҷодаи некномӣ гуфтааст:

Некномӣ хоҳӣ, эй дил, бо бадон суҳбат мадор,

Худписандӣ, ҷони ман, бурҳони нодонӣ бувад.

Ҳамчунин Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ 600 сол қабл аз ин роҷеъ ба гарданфарозиву саркашиҳои бе мурувват таъкид карда буданд, ки чунин рафтор нокомиҳо дорад ва ба таври зайл ишора карда:

**Макун гарданфарозӣ,**<br>**то насозад даҳр**<br>**помолат,**<br>**Ки най охир зи ҷурми**<br>**саркашиҳо бурё**<br>**гардад.**

Ин ишораҳо барои боз ҳам саҳеҳу комил будан ва ба инкишофу сайқали худшиносии миллӣ асоси барҷастаанд.

Ҳофизи Шерозӣ дар ҳоли начашидани лаззати тарбияи хонаводагиву мактабӣ ва ё номукаммал будани тарбияи волидайну устодон чунин фармуда:

**Гуле, ки тарбият аз дасти**<br>**боғбон нагирифт,**<br>**Агар ба чашмаи хуршед**<br>**сар кашад, худрӯст.**

Бояд гуфт, ки ин ҳикматҳои бузургон барои ҷавонони имрӯза дарси тарбия ва худогоҳист. Зеро ҷаҳони муосир бо сабаби тезутунд шудани муносибатҳои геополитикии давлатҳои абарқудрат боиси ривоҷ ёфтани ҳаракатҳои гуногуни ифротгаро гардидааст. Ҳизбу ҳаракатҳои тамоюли динидошта ҳавасманданд, ки камбизоатон ба сафи онҳо шомил гардanду харобиву костагии фарҳанги динӣ чун занҷири оҳанин дар пояшон онҳоро сӯи хеш кашанд.

Лозим ба ёдоварист, ки чанд сол пеш дар кишварамон бузургдошти пешвои мазҳаби суннӣ ҳазрати Имоми Аъзам (Абӯҳанифа)-ро бо шукӯҳу шаҳомати бузург ҷашн гирифтем ва аёнамон гашт, ки аз чор се ҳиссаи мусалмонони дунё пайрави мазҳаби Имоми Аъзам мебошанд. Ба ҳамаи мусалмонони олам маълум аст, ки ин мазҳаб солим, тавоно, одил, баинсофу мушфиқ, адолатхоҳу инсонпарвар аст. Вале харобиву заифӣ ва костагиву наздикбинӣ нисбати фарҳанги динӣ ба он оварда расондааст, ки ҷараёнҳои дигари динӣ (Ҳизбу-т-таҳрир, салафия, Ансоруллоҳ, ҳаракати исломии Ӯзбекистон ва ғ.) пайдо гарданд. Албатта, чунин ҳаракатҳои дигари мазҳабӣ бе дастгирии маблағи зиёди пулӣ арзи ҳастӣ ва вуҷуд дошта наметавонанд ва пеш аз ҳама, онҳое ба ин ҳаракатҳо шомил мегарданд, ки дар ягон ҷо кор намекунанд, оворагарданд. Онҳое, ки харобиву касодӣ, заифиву костагии фарҳанги динӣ дар тафаккурашон реша давондаасту роҳи халосӣ надоранд ва ба ин ҷараёнҳо майл мекунанд, яқинан пулпарастанду ифротгаро.

Чунин ҳаракатҳои тамоюли динидошта зери ниқоби ислом побанди гаравишҳои ифротовари аҷнабиёни хориҷа гашта, хешро ба оташи ҷонсӯз меафкананд.

Моро зарур аст, ки содагиро як сӯ гузошта, бе ягон истиҳола ба вартаи фиребу найранги аҷнабиён дода нашавем. Омӯхтан, санҷидану донистани ҳар касеро, ки бо ӯ дар мубодилаи афкор ҳамроҳ мешавем, шарту ҳатмист!

Ҷаро мо дар мазҳаби тозаву озода, хайрхоҳу одил, одамдӯсту гуворо, солиму барҷо, адолатхоҳи худамон тафриқа меандозем?

Аз оне, ки равияҳои ишорагашта хатари нифоқ андохтани сокинони дохили давлатро доранд, устодони мо дар машғулиятҳои хеш ҳамеша таъкид мекунанд, ки ҳаракатҳои мазҳабӣ ягон асоси вуҷудиятро надоранд.

Ҷавононро мебояд, ки ҳушёрии сиёсиро аз даст надода, аз пайи вазифаи ҷонии худ – хонишу ташаббускорӣ бошанд.

**Мадислом РАҲМОНОВ,**<br>**н.и.ф., мудири кафедраи**<br>**забонҳои тоҷикӣ ва русӣ**

**Сайдамир САФАРОВ,**<br>**муаллими калони кафедраи**<br>**забонҳои тоҷикӣ ва русӣ**

# ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗ



12 декабри соли 1992 дар Иҷлосияи 16-уми ШО ҶТ, ки дар қасри Арбоби вилояти Суғд баргузор гардид, Сарвари давлат, раиси ҲХДТ Эмомалӣ Раҳмон гуфта буд: «Тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва дар ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои шукуфоии ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим бошад, ҷон нисор мекунам».

Хушбахтона, ин гуфтаҳои Сарвари давлат, ки аз рӯи виҷдон ва садоқат дар байни намояндагони халқ садо дод, амалӣ шуданд ва Тоҷикистони азизи мо баъди фурӯпошии империяи абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳамаи душворию монеаҳо нигоҳ накарда, мустақилияти худро ба даст овард. Аммо, мутаассифона, ин тифли навраҳ дар оғози роҳ ба сӯи истиқлол дучори фоҷиа гардид. Мухолифати ҷонибҳо ва дасисаю иғвои гурӯҳҳои худкоми манфиатҷӯ барои расидан ба мақсадҳои нопоки хеш кишвари зебою гулафшони моро ба гирдоби ҷанги таҳмилӣ ва бемаънии шаҳрвандӣ кашиданд.

Ҷанги шаҳрвандӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон 10 млрд доллари амрикоӣ хисорот ворид кард ва теъдоди қурбоншудагон ба 150 ҳазор нафар ва шумораи гурезаҳо ба як миллион расида буд. Бо сабаби воқеаҳои маълум 73 фоизи иқтидори иқтисодии кишварро аз даст дода будем.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо таҳаммулу тамкин ва ҷасорату қатъият баҳри бартарафсозии ин ҳама мушкилот камари ҳиммат баст. Дар давоми 3 солу 3 моҳ, ки музокироти миёни тоҷикон давом дошт, зиёда аз 20 вохӯрии расмӣ гузаронд. Он ҳама муборизаҳои ҷонфидоёнаи сарвари давлат ба хотири наҷоти миллату давлати тоҷикон буд, ки дар натиҷа Тоҷикистони азиз боз қабои сабзи сулҳро ба бар кард.

Бояд гуфт, ки танҳо баъди ба имзо расидани созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ имконият фароҳам омад, ки иқтисодиёти Тоҷикистон рӯ ба тараққӣ ниҳад.

Раиси ҲХДТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо хотиррасон мекунад: «Барои ҷомеа аз сулҳу субот дида неъмати азизтару бузургтар вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, ҳифзи ин дастоварди олӣ вазифа ва қарзи инсонии ҳар фарди бо нангу номуси миллатамон аст. Аз фазои сулҳу суботи имрӯзаи ҷомеа бояд ҳар яки мо шукргузорӣ карда, бо дарназардошти манфиатҳои милливу давлатии худ ба хотири пешрафту инкишофи ҳамаҷонибаи Ватани азизамон кӯшишу талош намоем».

Дар робита ба ин гуфтаҳо имрӯзҳо дар КИ ибтидоии «Молия ва иқтисод»-и ҲХДТ дар ноҳияи Сино, ки сарварии онро Солиев А.А. бар ӯҳда дорад, зиёда аз 1647 нафар аъзоёни ҲХДТ кору фаъолият мекунанд. Бояд қайд намуд, ки КИ-и мо бо ҳама сохторҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ҳамкорӣ дорад.

Имрӯзҳо дар пеши мо маъракаи муҳими сиёсӣ – интихоби вакилони мардумӣ истодааст. Вазифаи ҷонии ҳар як аъзои ҳизбро дар он мебинам, ки сиёсати имрӯзаи Сарвари давлат, раиси ҲХДТ Эмомалӣ Раҳмонро ба ҳар як истиқоматкунандаи шаҳр, ноҳия ва маҳалла бурда расонанд.

Бо боварии комил гуфта метавонем, ки кишвари мо бо роҳи дуруст равона аст ва асоси ин равандро суботи сиёсӣ, сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ ташкил медиҳад.

**Бурҳонов З.,**<br>**муовини раиси КИ**<br>**ибтидоии «Молия ва**<br>**иқтисод»-и ҲХДТ дар**<br>**ноҳияи Сино**

# ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР КИШВАР

Рӯзи 26 ноябри соли равон бо ташаббуси раёсати илм, факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ ва кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалӣ мизи мудаввар дар мавзӯи «Самтҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон» доир гардид.

Дар он Абдуҷалил Пириев д.и.и., профессор, аъзо-корреспонденти АИКТ, сардори раёсати кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зисти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Амнияти озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» маърузаи пурмазмун намуд.

Пириев А. аз ҷумла қайд кард, ки таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати ҶТ ва масъалаи глобалӣ маҳсуб мегардад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба даст овардани ҳадафҳои Барномаи таъмини амнияти озуқаворӣ тамоми тадбирҳоро меандешад. Аз ҷумла аз соли 2012 Шӯрои амнияти озуқаворӣ ташкил карда шуд, ки дар он ҳамаи ин масъалаҳо баррасӣ мегарданд.

Таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ дар ҷумҳурӣ тавассути Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ” ба танзим даровaрда шуда, назорат ҷиҳати таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ дар бозори истеъмолӣ тибқи талаботи қонуни мазкур ба зиммаи Вазорати кишоварзӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Агентии “Тоҷикстандарт” вогузор гардидааст, илова намуд мавсуф.

Дар охири мизи мудаввар иштирокчиён дар бораи масоили баррасишаванда табодули афкор намуданд.

**Машҳура АБДУЛЛОЕВА**

# НИГОҲЕ БА БОЗОРИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК



Рӯзи 19 ноябри соли равон дар донишкада маҳфили навбатии илмӣ-назариявии «Бозори фондӣ» баргузор гардид. Маҳфилро А. Муминов, мудири кафедраи коғазҳои қиматнок ифтитоҳ намуда, зикр кард, ки дар асоси нақшаҷорабиниҳои тасдиқгардида маҳфили мазкур ҳар моҳ доир гардида, барои муаррифии донишҷӯёни лаёқатманд ва ҷалби онҳо ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мусоидат менамояд.

Маҳфили навбатӣ дар мавзӯи «Хусусиятҳои батанзимдарории бозори коғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳлили қонунгузории марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» баргузор шуд ва дар он донишҷӯёни ихтисоси мазкур ширкат варзиданд. Донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси бозори фондӣ Фотеҳмурод Бобобеков дар мавзӯи «Вазъи бозори коғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва донишҷӯи курси якуми ҳамин ихтисос Моҳира Ҳайдаралиева дар мавзӯи «Рушди бозори коғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баромадҳои ҷолиб намуданд.

Дар охир донишҷӯён ба маърӯзачиён саволҳо дода, ҷавобҳои мушаххас гирифтанд.

**Насрулло ТУЙЧИЗОДА**

**Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ тайи даҳ моҳи соли равон 9 млрд 393 млн 500 ҳазор сомониро ташкил дод, ки он 102,5% нақшаи дақиқшударо ташкил медиҳад.**

## Бахшида ба 3000-солагии Ҳисор

# ЁДГОРИҲОИ МОДДИИ ВОДИИ ҲИСОР

**> Ёдгориҳои моддии то ба мо расидаи таърихи як пораи Тоҷикистони барои ҳамаи мо азиз – Ҳисори Шодмон, ки як маҷмааи ин ёдгориҳо дар минтақаи Қалъаи Ҳисор то ҳанӯз ҳам побарҷост, имрӯзҳо зиёратгоҳи аҳли олам гаштааст.**

Маъхазҳои аз зери қабатҳои хок пайдо гаштаю саҳифаҳои бо мурури замон зардшудаи таърихи ин мулки куҳанбунёд далели он аст, ки мулки Ҳисор аз қадимулайём барои бунёд, якпорчагӣ, ташаккул ва пешрафти давлату халқу миллати тоҷик ва таҳкими пояҳои давлатдории тоҷикон мавқеи калидӣ доштааст. Ворисони ин мулки куҳан имрӯз ҳам як узви пайваста ва ҷудонашавандаи Тоҷикистони соҳибистиқлол буда, имонан ва сидқан барои бунёди давлати тозаистиқлол, мустаҳкам кардани пояҳои он заҳмат мекашанд.

Водии Ҳисор, ки ҳоло ҳудуди асосии он дар марзи Тоҷикистони азиз воқеъ аст, дар замонҳои қадим то ба мулкҳои Сурхону Тирмиз, Қубодиёну Вишгирд ва Балху Ҳирот доман паҳн карда будааст. Дар баробари ин, айёме низ буд, ки Ҳисор дар масоҳату ҳудуди хеле танг ҳокимият ва давлатдорӣ доштааст. Аз ин лиҳоз ҳангоми дар бораи таърихи Ҳисор сухан рондан ва ёдгориҳои моддии онро номбар кардан, мо онро бояд дар алоқамандӣ бо мулкҳои атроф дар назар дошта бошем, зеро ин ҳам аз рӯйи адолати таърихист ва ҳам ҳаққи ҳалоли таърихи бошандагони дигар марзҳои водии Ҳисори зарнисор аст.

Ҳисори Шодмон замоне дар ҳудудҳои кишварҳои афсонавию нимафсонавии Пешдодиёну Каёнӣ, дар марзи ҷуғрофии паҳнои Бохтар, Тахористон, давлатҳои дар замони худ муқтадири Ҳахоманишиён, Селевкиён, Юнону Бохтарӣ, Кушониёну Ашкониён, Ҳайтолиёну Сосониён ва ғайраҳо будааст.

Бо ибораи дигар, он асноде, ки дар ин ҷо мо дар бораашон мегӯем, дар як вақт саҳифаҳои таърихи шаҳрҳои Душанбеву Рӯдакӣ, Варзобу Ваҳдат, Хуросону Ёвон, Данғараю Норак, Файзободу водии Рашт буда, Балху Тирмиз ва кулли мавзеъҳои водии Ҳисорро, бо иборае «аз Дарбанд то Дарбанд» дар бар мегирифтааст. Олимон исбот намудаанд, ки водии имрӯзаи Ҳисор яке аз ҳафт кишвари дар маъхазҳои қадимаи ҳиндуаврупоӣ дарҷшуда буда, ин кишварро дар сарчашмаҳои қадими Ҳинд Кумит (Кумот, Гемидо, Кумид, Кумед) номидаанд. Кишвари Кумит қисмати ҷанубии сарзамини водии имрӯзаи Қаротегин, мавзеъҳои Норак, ҳавзаи дарёҳои Кофарниҳон ва Қаратоғро дар бар мегирифтааст. Кӯҳи қисмати шимолии ин кишварро Суман ё Сумана мегуфтаанд, ки маънои он дар асарҳои санскритӣ зебо, нозанин, дилрабо, ёсуман (номи гул) ҳусн, доно, болидарӯҳ, хурсанд, неку, шодмон, зебочеҳра, хушбахт, некӣ, шинохташаванда, пиндори нек ва ғайра маънидод шудааст. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки вожаи Шумон ва ё Шуман дар натиҷаи таҳаввулоти андаки овозӣ аз номи кӯҳи мулкро иҳотакарда пайдо шудааст ва дар давраҳои баъд, дар вақти пайдо гаштани дини зардуштӣ, ба китоби муқаддаси аҷдодонамон «Авесто» дохил шудааст. Аммо бо мурури замон, ин вожа ҳам бо амри таърих маъно дигар карда, имрӯз дар таркиби ибораи Ҳисори Шодмон маълуму машҳур гаштааст.

Ногуфта намонад, ки муаррихони Юнони қадим Шумон ва умуман водии Ҳисорро бо номи Парайтекин дар асарҳояшон дарҷ кардаанд.

Ҷуғрофидони асри X араб Ал-Муқаддасӣ Шумонро модари шаҳрҳои Аҷам донистааст, ки бесабаб нест. Дарвоқеъ, баъд аз ба замин яксон шудани Балхи қадим дар Хуросону Мовароуннаҳр шаҳри ободтаре аз Шумон набудааст.

Таърих гувоҳ аст, ки мулкҳои Чағониён, Шумон ё Ҳисор ва Аҳорун (дар баъзе луғот Ахарун), дар ҳудуди ҷуғрофии Бохтар, баъдтар Тахористон вуҷуд доштаанд. Дар таърихнигорӣ собит шуда, ки даврае Ҳисор дар ҳайати давлати Чағониён ва як муддат Чағониён дар тобеияти мулки Ҳисор будааст. Нисбати Аҳорун (Ахарун) низ гуфтан мумкин аст, ки ин мулк дар шафати Чағониёну Ҳисор арзи вуҷуд кардааст. Барои тақвияти ин гуфтаҳо якчанд мисол меорем: ҳамагон рӯмуқоваи коғазини китоби аллома Бобоҷон Ғафуровро дидаанд, ки он акс аз Афросиёби Панҷакент ёфт шудааст ва дар он манзараи қабули сафирони чағонӣ дар Суғд тасвир ёфтааст.

Мисоли дигар. Чун арабҳо ба забти Мовароуннаҳр шурӯъ мекунанд, малики Ҳисор Низак дини мубини исломро сидқан қабул мекунад, аммо барои ба мулкаш даромадани арабҳо иҷозат намедиҳад. Дар ҳамон давра бо шаҳодати Наршахӣ ва таҳлилҳою бозгӯйиҳои устод Ғолиб Ғоибов Чағониёну Шумон мулк ва давлатҳои алоҳида будаанд ва Низаки мубориз домоди ҳокими Чағониён-Тиш будааст. Тиш ба арабҳо фидя (ҷонбаҳо ё андози тобеият) дода, мулкашро ба онҳо таслим мекунад, аммо Низак то охир мубориза бурда, дар қалъаи Ҳисор шаҳид мешавад.

Мисоли сеюм ба давраи ҳокимияти Сомониён дахл дорад, ки ҳокими Чағониён Абӯалии Чағонӣ истиқлолхоҳӣ карда, муддате ба ҳокимияти марказӣ итоат намекунад ва баъди бастани аҳдномаи байни Абӯалии Чағонӣ ва Сомониён давлати муқтадири аввалини тоҷикон дар Мовароуннаҳр мустаҳкам мешавад. Дар ин давра Ҳисор ба ҳайати давлати Чағониён дохил шудааст. Лозим ба ёдоварист, ки аз ин мулк як шохаи Роҳи бузурги Абрешим мегузаштааст ва далели онро аз сафарномаҳои сайёҳони Чин ёфта метавонем.

Мардуми шарафманди Ҳисори бостонӣ имрӯзҳо ифтихор аз он доранд, ки ин мулк ба олам Имом Тирмизӣ, Ҳаким Тирмизӣ, Мунҷиқи Тирмизӣ, Муҳаммад Алии Меъмор, Адиб Собир, Самандар Хоҷа, Мавлоно Дарвеши Муҳаммади Ҳомоварӣ (Қаратоғӣ), Қодири Ҳисорӣ, Мавлоно Солеҳ, Мавлоно Баёзӣ, Хоҷа Исмоили Ҳисорӣ, Мавлоно Майлӣ, Мавлоно Довуд, Мавлоно Биҳиштии Ҳисорӣ, Мавлоно Холидӣ, Туфайлӣ, Устод Абдуллоҳи Нойӣ, Устод Алидӯсти Нойӣ, Устод Ҳофизи Ушшоқ, Устод Рухдамии Танбӯрӣ, Булбулӣ, Саидхони Ҳисорӣ, Мирзо Турсунзода, Ҳабибулло Назаров, Носирҷон Маъсумӣ, Ҳусайни Насриддин, Собири Шоҳонӣ ва садҳо бузургони дигарро ба арсаи илм, фарҳанг, сиёсат овардааст, ки номҳои онҳоро ин ҷо овардан аз имкон берун аст.

Боиси тазаккур аст, ки Ҳисор аз қадим қадамҷойи бузургон будааст ва имрӯз ҳам аксари меҳмонон ёдгориҳои таърихии Ҳисорро тамошо карда, маҳз бо туфайли боқимондаҳои ёдгориҳои меъмории он то андозае бо таърихи куҳани халқи мо шинос мешаванд.

**Султонмуроди ОДИНА,**
**узви ИН ва ИЖ Тоҷикистон,**
**сармуҳаррири нашрияи**
**«Ҳисори зарнисор»**

# ТАЪСИРИ ТАРКИБИ МОЛИЯВИИ САРМОЯ БА ДАРОМАДНОКИИ ШИРКАТ

Мамлакат бо мақсади қонеъ намудани талаботи хоҷагии халқ ва воридоти амвол аз хориҷ бештар зарурат пайдо мекунад, ки қарз гирад. Сабаби пайдо шудани талабот ба қарз тағйирёбии нарх буда метавонад. Сабаби асосии ба қарз рӯ овардани соҳибкор дар он аст, ки навигариҳои ба истеҳсолот воридшаванда зуд-зуд тағйир меёбанд, ки ин ба рақобатпазирӣ вобастагӣ дорад. Аз тарафи дигар, бозор сармоядоронро маҷбур месозад, ки моли истеҳсолшударо зиёд намоянд, чунки истифодаи пешрафти илму техника муҳлати зисти молро кӯтоҳ намуда, хавфи муфлисшавиро ба вуҷуд меорад. Агар ширкат ҳаҷми муомилотро то 20% зиёд намояд, ҳатман муҳтоҷӣ ба маблағи сармоягузории дарозмуддат мешавад.

Ҳар як соҳибкоре, ки аз ҳисоби қарз муаммои иқтисодии истеҳсолоти худро ҳал намудан мехоҳад, маблағи қарзи гирифташударо бояд самаранок истифода барад, ки ҳаққи фоизи маблағи қарзгирифтаашро сари вақт баргардонад. Фоидае, ки аз маблағи қарзгирифта ба даст меояд, ба меъёри миёнаи фоизи бонк бояд баробар бошад. Ҳар як соҳибкоре, ки ба қарз эҳтиёҷ дорад, набояд аз 30% зиёдтар нисбати сармояи оинномавиаш қарз гирад. Дар баъзе ҳолатҳо дар иқтисоди бозоргонӣ соҳибкорон ба мушкилиҳои зиёде дучор меоянд, ки онҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои қарзӣ талаботи хешро қонеъ мегардонанд. Истифодаи ҳаҷми нарх бештар аз он вобастагӣ дорад, ки он то кадом дараҷа ва бо кадом даромаднокӣ муаммои қарзгирандаро ҳал менамояд. Фоидае, ки аз маблағи қарзгирифташуда қарзгиранда мегирад, бояд хароҷоти баргардонидани қарзро пӯшонида, ба худи соҳибкор гирифтани фоидаи муайянро таъмин кунад.

Мувофиқи назария соҳибкорони бегона агар аз 20% то 50%-и саҳмияи ҷамъиятро харанд, ба ширкат таъсири мусбат мерасонанд. Агар зиёда аз 50%-и онро ба даст оранд, он гоҳ пурра назорати ширкатро ҷорӣ менамоянд. Барои ширкатро аз даст надодан, менеҷер бояд ҳатман чораҳои қатъӣ андешад:

- маҳдуд намудани ҷопи уҳдадориҳои қарзӣ, ки ҳуқуқи овоздиҳиро медиҳад;
- нигоҳ доштани қурби баланди саҳмия;
- ташкил намудани фоидаи захиравие, ки дар мавриди зарурӣ дар ҳолати аз фурӯхта шудани саҳмияи худ онро аз нав харида тавонад.

Ширкатҳое, ки дорои сарчашмаи молиявии худианд, ҳолати беҳтар дошта метавонанд. Ширкатҳо ҳамагӣ 3 сарчашмаи воситаҳои худро доранд, ки сармоягузориро таъмин карда метавонанд: фонди истеҳлок, фонди захиравӣ ва фоидаи умумӣ.

Ҳар як ширкат дар мавриди нишондиҳандаҳои молиявиро нишон додан метавонад соҳиби қарзҳои имтиёзнок шавад ва маблағгузории зиёдро ҷалб намояд. Ҳар кадом сармоягузор, ки дар ин ё он ширкат ва ё ҷамъиятҳои саҳомӣ сармоягузорӣ мекунад, баъди чанд муддати фаъолияташ метавонад аз сармояи гузоштааш даромад ба даст орад. Даромаднокии ширкат аз фаъолияти он вобастагӣ дорад.

Бояд гуфт, ки ҳар қадаре, ки истеҳсолот зиёд бошад, талабот нисбати он вобаста ба сифати мол ва миқдори он зиёд ва агар



сифати мол хуб набошад, талабот нисбати он низ кам мешавад ва ин ҳолат корхонаро ба муфлисшавӣ оварда мерасонад. Соҳибкорони имрӯза кӯшиш менамоянд, ки даромаднокиашон зиёд шаваду аз фаъолияташон қаноатманд шаванд.

**Исматулло ҶУМАЕВ,**
**магистранти соли 2,**
**ихтисоси**
**1-25010401-молия**

**Хароҷоти буҷети давлатӣ беш аз 8 млрд 800 млн сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта баробари 1 млрд 219 млн 300 ҳазор сомонӣ афзудааст.**

# БАРОЯТОН ПУЛ ЧӢ АРЗИШ ДОРАД?



**Ҳокимбек Сандалов – мудири кафедраи фаъолияти бонкӣ:**

Пул яке аз ихтироъҳои бузургтарини ҳаёти инсоният ба ҳисоб рафта, ҷабҳаҳои асосии илми иқтисодиро дар бар мегирад. Пул моли махсусест, ки дар баробари рушди шуури инсоният пайдо шуда, то имрӯз диққати инсонро ба худ ҷалб менамояд. Тибқи ақидаи Пол Самуелсон «Пул одамро сеҳр мекунад, барои пул шуда одам азоб мекашад ва барои пул шуда одам меҳнат мекунад». Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки пул дар ҷамъият ҳамчун муҳаррики асосӣ гардиш карда, таъсири худро дар пешбурди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият мерасонад.

Вақте ки арзиши тамоми неъматҳои ҷамъиятӣ, аз ҳама муҳим арзиши вақт ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо арзиши инсон тавассути пул андозагирӣ карда мешавад, пас маълум мегардад, ки пул барои инсон чӣ арзише дорад.

Бояд қайд намоям, ки арзишу махсусияти пул бо ҳамин иқтидору тавоноиаш он вақт эътироф мегардад, ки аҳли ҷомеа дар ҳаёти рӯзмарра ҳамчун омили асосӣ онро истифода баранд.

**Парвиз Орзуев - мудири кафедраи аудит ва ревизия:**



- Дар ҳаёти ҳар як инсон пул аҳамияти калон дорад, чунки он воситаи мавҷудияти амалӣ кардани мақсадҳои ӯ ба ҳисоб меравад. Пул на танҳо коғаз, балки кафолати зиндагии шоиста аст.

Ба фикри ман одами давлатманд на онест, ки пули бисёр дорад, балки онест, ки ба пул эҳтиёҷи кам дорад ва ҷое хеле барҳақ омадааст, ки хушбахтӣ дар пул нест.

**Заррина Давлатшоева - мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалӣ:**



- Шахсан ба ман пул арзиш надорад. Зеро арзишҳои аз он баландтар низ вуҷуд дорад. Пеш аз ҳама, барои ҳар нафар саломатӣ муҳим аст. Инчунин хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, аз қабили комил будан ва поквиҷдонӣ, меҳр ба Ватану ба зодгоҳ бароям арзиши олитарин маҳсуб меёбанд. Лек аз ҷиҳати иқтисодӣ пул арзиши назаррас дорад. Мутаассифона, дар ҷомеаи имрӯзаи мо баъзе нафарон аз рӯи пул ва дороӣ эътироф карда мешаванд.

**Юсуф Салимов- сармуҳосиби донишкада:**

- Пул асосан дорои функсияҳои зерин, аз қаби-



ли воситаи муҳимтарини муомилот, дастрасӣ ба маҳсулоти ҷамъиятӣ буда, дорои хосиятҳои дигар низ аст. Хосияти пул дар он зоҳир мегардад, ки эътирофи ҷаҳонӣ пайдо намояд, барои ҳамлу нақл мувофиқ бошад ва аз тақаллубкорӣ ҳифз карда шавад. Пул барои ман арзиш дорад. Зеро метавон гуфт, ки он таҷассумгари зиндагии шоиста аст ва мо бо дастмуздамон зиндагии хешро пеш мебарем.

**Обидҷон Раҳимов- муаллими кафедраи фаъолияти бонкӣ:**

- Пул ягона категорияи иқтисодӣ мебошад, ки тамоми муносибатҳои ҷомеаро ба танзим медарорад ва муҳимтар аз ҳама, ифодакунандаи арзиши тамоми молу маҳсулот ва хизматрасонист. Умуман, дар ҳаёти инсон пул ҳамчун ифодакунандаи меҳнати ҷисмонӣ ва фикрии вай аст. Дар ҳама давру замон



табақаҳои ҷомеа фаъолияти кории худро барои ба даст овардани сармоя равона месозанд. Аммо пул бароям қадр надорад.

**Ҳилола Нурова - мудири шуъбаи умумӣ:**

- Ба таври маълум пул асоси зиндагии мост. Он воситаи асосии муомилот ва



додугирифт буда, дар шароити иқтисоди бозоргонӣ нақши он муҳим аст. Аз ин хотир, дар ҷаҳон тамоми амалиёти тиҷорат ба воситаи пул сурат мегирад. Барои на танҳо ман, балки ба андешаам, барои дигарон низ пул арзиши калон дорад.

**Бахтовард Раҳматов - муаллими кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ:**

- Аслан пул як василаи муомилот буда, дар шароити имрӯза воситаи асосии рӯзгузаронист. Феълан нуфусу эътибори одам ба пул иртибот пайдо намудааст. Ба андешаи ман, ба илла-



ти надоштани фарҳанги истеъмол мо тадриҷан ғуломи пул шудаем…

**Пулҳои серистифодатарин дар ИМА 1 ва 20 доллара мебошанд. Дар кишварҳои дигар пули 100 доллара бештар паҳн гаштааст. Дар худи ИМА тахминан 800 миллиард доллар дар гардиш аст.**

***

**Тангаи вазнинтарин дар асри 18 дар Шветсия мавҷуд буд, ки 19 килограмм вазн дошт.**

***

**Искандари Мақдунӣ нахустин шахси дунёст, ки дар танга сикка задани симои худро супориш дода буд.**

**Таҳияи Н. Тӯйчизода**

# ВАҚТ КӮТОҲ АСТ, ФУРСАТРО ҒАНИМАТ ДОН!



Шукри сулҳу ободии Ватан менамоем, ки имрӯз барои анҷоми ҳама корамон фурсат даст додааст. Ба ин хотир месазад, ки вақти қимати худро ба манфиати корҳои нек равона созем. Аз он, ки боз як рӯзро паси сар намудем, хурсандию хуррамии беҳуда набояд кард. Бояд донем, ки як рӯзи умри мо кӯтоҳ шуд. Ба ин маънӣ шоири бузург – Мирзоабдулқодири Бедил фармудааст:

**Нафас ҳар дам зи қасри умр хиште меканад, Бедил,**

**Пайи таъмири ин вайрона меъмор инчунин бояд.**

Бале, рӯзҳо мегузаранд ва аз гузашти бомароми онҳо умр ҳам ноаён мегузарад ва вақти қиматбаҳоро паси сар мекунем, фурсате, ки мо он лаҳзаҳо метавонем кори некеро анҷом диҳем, аз даст медиҳем. Умри инсон мисли оби равон мегузарад. Пас, чӣ бояд кард? Ин суолест, ки аксарияти моро дар азоб мемонад ва барои андеша намудан водорамон месозад. Бояд мо кӯшиш намоем, то ин ки вақти қиматамонро аз даст надиҳему фурсатро ғанимат шуморем. Аммо на ҳама ин нуктаи ниҳоят муҳимро дарк мекунем. Хурсанд аз он мешавем, ки ба воя расидаем ва аз ин калон шудани худ мефахрему меболем. Аз он бехабарем, ки умри азиз беҳоида рафта истодааст ба коре машғулӣ надорем.

Ҳоло ки ҷавонем, чӣ будани вақту фурсатро намедонем. Бинобар он, ба шӯхию бозиҳои ҷавонӣ рӯз мегузаронем. Гумони онро дорем, ки мо кабӯтаронему бегумон дар осмони софу беғубор парвоз карда истодаем. Аммо бояд донем, ки он кабӯтарони дар парвозбуда низ ба худ мувофиқ ташвише доранду мехоҳанд, ки вақташон беҳуда нагузарад. Аммо зарур аст, ки дар бораи ояндаи худ биандешем. Бархе аз ҷавонон мехоҳанд, ки имрӯза корро фардо иҷро намоянду ин рӯз беғам гарданд. Охир, мо намедонем, ки фардо моро чӣ интизор аст? Ҳар кор вақту соати худро дорад. Лозим аст, ки ҳамаи корро имрӯзу фардо нагуфта, дар вақташ ба анҷом расонем. Ба анҷом расонидани корамон на ба каси бегона, балки ба манфиати худи мост.

Ҷаноби Олӣ, Президенти кишварамон - Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар баромадашон такрор ба такрор хотиррасон мекунанд, ки ояндаи ватан дар дасти ҷавонон аст. Агар мо вақтамонро сарфакорона истифода набарем, чӣ гуна метавонем Тоҷикистони азизамонро обод намоем?

Баъзан дар кӯчаҳои шаҳру деҳот чашмам ба ҷавонони майзадаю оворагард меафтад, ба худ меандешам, ки чаро сафи чунин ҷавонони бетарбия рӯз то рӯз дар ҷумҳурӣ зиёд мегардад. Гоҳо аз ин гуна рафтори ҳамсолонам хориам меояду ба худ меандешам, ки ба онҳо фаҳмондан лозим аст, то аз роҳи бадашон баргарданд.

Хушбахтона, боз ҷавононе ёфт мешаванд, ки ҳам ба қадри худ, ҳам ба қадри падару модар ва ҳам Ватан мерасанд. Онҳо ҳамаи корашонро мувофиқи нақша анҷом медиҳанд ва сазовори ҳурмату эҳтироманд. Чӣ хеле ки дар урфият мегӯянд: «Агар худатро ҳурмату эҳтиром намоӣ, дигарон низ туро ҳурмат менамоянд».

Эй кош, дар дунё шумораи чунин ҷавонон зиёд гардаду ватанро обод намоянд. Ба қадри зиндагӣ расанду шукр аз сулҳу салоҳи ватани азизамон -Тоҷикистон намоянд. Вақти худро мувофиқи нақша сарф намоянд аз худ чизе ба манфиатиояндагон мерос гузоранд. Чӣ хеле ки мо худ аз мероси гузаштагонамон баҳра бурда истодаем. Мо низ кӯшиш намоем, то вақти қиматамонро барои ободии диёри маҳбубамон сарф намоем ва аз худ нишонае боқӣ гузорем.

**Сарфароз АМАКҶОНОВ,**
**донишҷӯи курси 1,**
**ихтисоси иқтисоди ҷаҳонӣ, факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ**

**Бори аввал пулҳои коғазӣ соли 812 дар Чин пайдо шудааст.**

# ТЕЪДОДИ НОМЗАДҲОИ ИЛМ АФЗУД



Боиси хурсандист, ки устоди кафедраи фанҳои гуманитарӣ Сабуров Убайдулло Саъдуллоевич рӯзи 13 ноябри соли равон рисолаи номзадии хешро дар мавзӯи «Хусусиятҳои педагогии истифодаи унсурҳои этнопедагогика дар тарбияи меҳнатии хонандагон» зери роҳбарии илмии Хуррам Раҳимзода, д.и.п., профессор дар Шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ бомуваффақият дифоъ намуд.

Аҳли эҷоди рӯзномаи «Молия ва иқтисод» ва ҳамкасбон Убайдулло Сабуровро бо ин дастовард муборакбод намуда, орзуманди парвозҳои минбаъдаи баланди илмиву эҷодии пурмаҳсул ва хонаободиву тансиҳатии эшонанд.

## Озмун

# БЕҲТАРИН НОЗИРИ АНДОЗ МУАЙЯН ШУД



Ба ифтихори Рӯзи парчам санаи 25 ноябри соли равон бо ибтикори кафедраи андоз ва андозбандии донишкада озмуни «Беҳтарин нозири андоз» гузаронида шуд, ки дар он ҳамаи донишҷӯёни ихтисоси андоз ва андозбандӣ иштироки фаъолона доштанд.

Онро бо сухани ифтитоҳӣ декани факултети иқтисоди молиявӣ ва андозбандӣ Хуршед Давлатов кушода, қайд намуд, ки ҳадаф аз баргузории озмуни имрӯза ин дарёфти истеъдодҳо ва ба самти илм ҷалб намудани донишҷӯён мебошад.

Ба ширкаткунандагони озмун 30 савол доир ба Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки аксаран ҷавобҳои саҳеҳу мушаххас доданд.

Дар хотима озмун ҷамъбаст ва дастаи «Андозситони ҷавон» - донишҷӯёни курси 3 сазовори ҷои якум, дастаи «Нозирони андози зодаи истиқлол» - донишҷӯёни курси 4 ҷои дуюм ва дастаи «Бачаҳои иқтисоддон» - донишҷӯёни курси 2 ихтисоси андоз ва андозбандӣ сазовори ҷои сеюм гардида, бо Ифтихорнома мукофотонида шуданд.

**Машҳура АБДУЛЛОЕВА**

# ОБУНА – 2015



Рӯзномаи «Молия ва иқтисод» фарогирандаи тамоми масоили донишкада буда, моҳе ду маротиба чоп мешавад. Маъракаи обуна ба рӯзнома оғоз гардидааст. Обуна шудан ба «Молия ва иқтисод» дастрасӣ ба маводи ҷолибу хонданӣ ва ғанӣ гардондани ҷаҳони маънавиёт, фарҳанг, иқтисодиёт ва дарёфти ҳаҷви гуворо барои хеш аст.

Хонандаи гиромӣ, нархи обуна барои як сол ҳамагӣ 25 сомонӣ буда, аз обунашавӣ ба ин нашрия дар канор намонед.

## ШАКАРХАНД

Профессор аз ҷавобҳои муғлақи донишҷӯ ба танг омада мегӯяд:

-Хуб, ман ба ту баҳо мегузорам, танҳо ба як суолам ҷавоб гӯй: дӯстдоштатарин ҷумлаи донишҷӯён кадом аст?

-Ман намедонам, -китф дарҳам мекашад донишҷӯ.

-Офарин!- нидо мекунад профессор. –Дафтарчаатро ба ман деҳ!

# ДИРАФШИ КОВИЁНӢ

*(ЭҲДО БА ИДИ ДИРАФШИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН)*

***Ай дирафши ковиёнӣ, парфишонӣ ҳар замон,***
***В-эй нишони ориёнӣ, чун дурахши ахтарон.***
***Киштии иқболи ту бодо нишон аз фатҳи мо,***
***То ки бошад минуйи умеди миллат ҷовидон.***
***Рамзҳои парфишонат рамзҳои нури мост,***
***Ҳамчу рамзи Коваи Дастон ҳастӣ қаҳрамон.***
***Ифтихори мо бувад аз ин дирафши бекарон***
***Бо чунин рамзи каёнӣ ҷовидонем дар ҷаҳон!***

***Шарифи ГУЛЗОД,***
***мудири осорхонаи донишкада***

# ОДОБИ МУОШИРАТ

## Ё чӣ гуна бо дермонӣ бояд мубориза намуд?

***Машварат барои роҳбар***

**Тавсия мешавад:**

Бо кормандони зердаст мулоқот бояд намуд ва ба ӯ бояд тазаккур дод, ки рафтори ӯ интизоми кориро табоҳ месозад.

Ба корманд маслиҳат додан ва тарзи тақсими вақтро пешниҳод намудан.

Дар назди ӯ мақсад гузоштан. Хоҳиш кардани он, ки дар мулоқот ва ҷаласаҳо дер намонад.

Агар корманди зердаст ба мавқеъ ҳозир шавад, изҳори таҳсин кардан, хештандор будан.

***Намунаи ибрати хуб будан.***

**Тавсия карда намешавад:**

Рафтори корманди зердастро дар ҳузури сарварони дигар шуъбаҳо муҳокима кардан.

Кормандро таҳти назорат гирифта, амалҳои ӯро идора кардан. Ӯ бояд худаш тағйир ёбад.

Оид ба дермонии корманд танбеҳи истеҳзоомез кардан. Дар назди ӯ муҳлатҳои ғайривоқеӣ гузоштан.

Агар зердаст сари вақт ба кор ҳозир шавад, бо овози баланд салому алейк кардан.

Худ дер мондан ва аз зердастон дақиқкорӣ тақозо кардан.

Кормандро дастгирӣ кунед. Дар назди ӯ ҳадафҳои мушаххас гузоред, ки ба ӯ барои роҳӣ аз одати зишти дермонӣ кумак мекунанд. Бо ӯ кор кунед, ба ӯ маслиҳат диҳед, ки чӣ гуна вақти худро муҳосиба кунад ва барои пешгирӣ аз ҳолатҳои ғайримунтазир барвақт ба кор раҳсипор гардад.

**Ёқуб ОДИНАЕВ**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонӣ, ки онро соли 2013 Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба Ҳомидзода Шамсиддин, донишҷӯи курси 2, факултети ҳисобдорӣ ва омор, ихтисоси 2-5010801 шуъбаи ғоибона додааст, бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонӣ таҳти № 132/д5, ки онро соли 2005 собиқ Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Тоҷикистон ба Давлатов Абдусамад, донишҷӯи курси 2, факултети молия ва қарз, ихтисоси фаъолияти бонкӣ, шуъбаи ғоибона додааст, бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонӣ, ки онро соли 2009 собиқ Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон ба Гулаҳмади Ализода, донишҷӯи курси 5, факултети технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт, ихтисоси иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот дар хизматрасонии иттилоотӣ, шуъбаи ғоибона додааст, бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонӣ ва билети донишҷӯӣ таҳти № 87, ки онро собиқ Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон ба Мусаев Нарзулло Саидкамолович, донишҷӯи курси 3, факултети менеҷмент ва ҳуқуқи молиявӣ, ихтисоси танзими ҳуқуқи молия ва қарз, шуъбаи рӯзона додааст, бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонӣ, ки онро собиқ Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон ба Раупов Умарҷон Алимҷонович, донишҷӯи курси 4, факултети иқтисоди молиявӣ ва андозбандӣ, ихтисоси андоз ва андозбандӣ, шуъбаи рӯзона додааст, бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонӣ, ки онро соли 2012 Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба Абдуллоева Фарзонахон Исмоновна, донишҷӯи курси 2, факултети молия ва қарз, ихтисоси молия, шуъбаи ғоибона додааст, бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонӣ, ки онро соли 2012 Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба Алидодов Худойдод Раҳимдодович, донишҷӯи курси 2, факултети менеҷмент ва ҳуқуқи молиявӣ, ихтисоси 1-96010101, шуъбаи ғоибона додааст, бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонӣ ва билети донишҷӯӣ, ки онро соли 2012 Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба Ҷабборов Манучеҳр Диловарович, донишҷӯи курси 3, факултети менеҷмент ва ҳуқуқи молиявӣ, ихтисоси таъминоти ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ, шуъбаи рӯзона додааст, бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонӣ, ки онро соли 2011 собиқ Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон ба Боймуродова Манижа Собировна, донишҷӯи курси 4, факултети ҳисобдорӣ ва омор, ихтисоси 1-25010804, шуъбаи рӯзона додааст, бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

Молия ва иқтисод
Нашрияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Муассис: Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Сармуҳаррир: Машҳура Абдуллоева
Котиби масъул: Саъдулло Носиров
Муҳаррирон: Убайдулло Бобоев, Раъно Ҳакимова, Елена Маджидова
Суратгир: Толиб Фозилов

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0330 ба қайд гирифта шудааст.
**Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64\14**
**Тавзеҳ:**
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи **Arial Tj**, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Нашрия на бо ҳама афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ матолиби мухталифро ба табъ мерасонад.

**Дар матбааи «Мега-принт» нашр мешавад.**
**Теъдоди нашр 3050**
**Нархаш шартномавӣ**

www.feit.tj
E-mail: gazetmoliy@mail.ru
**Телефон: 988 – 16 – 51- 57**